Ба Шӯрои диссертатсиони 6D.КОА-002
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Қабули Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми II) аз 11 декабри соли 1999 ва дар моддаҳои 1058-1069-и боби 52-и он ҷойгир намудани муқаррарот оид ба шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ) ба рушди институти шартно-маи фаъолияти якҷоя заминаи устувори ҳуқуқӣ гузошт. Аҳамияти шартномаи мазкур дар он ифода меёбад, ки вай ягона наму-ди шартнома дар Кодекси гражданӣ мебошад, ки фаъолияти якҷояро танзим намояд. Чунин фаъолият барои ноил шудан ба ҳамагуна мақсади қонунӣ равона карда шудааст.

Ҳамин тариқ, бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ)-ро таҳлил намуда, муаллиф ба хулосае меояд, ки шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ) яке аз шаклҳои қадимаи уҳдадориҳои шартномавӣ мебошад, ки дар низоми муосири ҳуқуқӣ дар рушди соҳибкорӣ нақши муҳим дорад ва имкон медиҳад, ки ҳамкории ҳамаҷонибаи субъектҳои соҳибкорӣ ҷиҳати расидан ба мақсадҳои муштарак таъмин карда шавад.

Мақсади таҳқиқоти мазкур ошкор кардан ва ҳалли проблемаҳои асосии назариявӣ ва амалии марбут ба шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ), муайян кардани моҳияти ҳуқуқӣ ва нақши ин шартнома дар соҳаи соҳибкорӣ ва коркарди пешниҳодҳои илман асоснокшуда мебошад. Мутобиқи мақсади диссертатсия муаллиф вазифаҳои зеринро

пешниҳод кардааст: омӯзиши бавуҷудоӣ ва рушди институти шартномаи фаъолияти якҷоя; таҳлили муносибатҳои ҳуқуқие, ки аз шартномаи фаъолияти якҷоя бармеоянд; таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқии шартномаи фаъолияти якҷоя бо дигар шартномаҳои ба фаъолияти якҷоя ҳаммонанд; ошкор намудани мафҳум ва моҳияти шартномаи фаъолияти якҷоя; таҳқиқи ҳолати ҳуқуқии тарафҳои шартномаи фаъолияти якҷоя; баррасии асосҳои ҳуқуқии бастан, тағйир додан ва қатъ намудани шартномаи фаъолияти якҷоя; аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани мақсад ва аҳамияти амалии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро муқаррароти бунёдии методи диалектикии маърифати падидаҳо ва равандҳои воқеият ташкил додаанд, ки омӯзиши онҳо дар рушди доимӣ ва дар робитаи байниҳамдигарӣ тақозо мегардад. Дар ҷараёни таълифи диссертатсия муаллиф методҳои умумиилмии таҳқиқот: муқоиса, таҳлил, методҳои маърифати таърихӣ ва дигар методҳои хусусии илмиро истифода кардааст, ки имкони ба таври бонизом нишон додани равияҳои асосӣ, вижагиҳои назария ва амалияи шартномаи фаъолияти якҷояро фароҳам меоваранд.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти хосса ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Барои ҳалли баҳсҳое, ки дар амалияи судӣ дар робита бо эътибори шартномаи ширкати одӣ бо сабаби мувофиқат накардани тарафҳои шартнома дар бораи шартҳои муҳим ба миён меоянд, ба назари муаллифи диссертатсия зарур аст, ки ба боби 52 КГ ҶТ як силсила шартҳои ҳатмӣ илова карда шавад. Ғайр аз ин, ба роҳ мондани мониторинги иловагии меъёрҳои марбут ба маҳдуд кардани таркиби мавзӯии шартномаи ширкати одӣ, муҳтавои саҳмҳои тарафҳо, реҷаи ҳуқуқии моликияти шарикон,

меъёрҳое, ки мафҳумҳои арзёбӣ доранд, ба монанди "асосҳои кофӣ" мувофиқи мақсад аст (саҳ.21).

Таҳлили заминаҳои ҳуқуқии бавуҷудоии шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) муаллифро ба хулосае овард, ки ин шартнома имконияти беҳтарини ҳуқуқӣ барои соҳибкорон ҷиҳати васеъ намудани доираи фаъолияти худ, коҳиши хароҷот ва афзоиши даромад буда, методи босамар ва муосири ҳамкорӣ барои рушди соҳибкорӣ аст. Муаллиф қайд мекунад, ки дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ баъзан неру ва захираҳои як шахс барои ҳалли ин ё он масъала басанда нест ва аз ин рӯ, роҳи ҳалли проблема фаъолияти якҷояи ду ва ё зиёда шахсон мегардад (саҳ.24).

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад дар мавзӯи «Шартномаи фаъолияти якҷоя дар соҳаи соҳибкорӣ» бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Автореферати диссертатсияи Воҳидзода Зеваршоҳ Гулаҳмад аз нуктаҳои илмии мубоҳисавӣ холӣ нест.

Мувофиқи мақсад, мебуд, ки унвонҷӯ дар автореферати диссертатсия ва умуман дар таҳқиқот оид ба паҳлуҳои гуногуни таносуби шартномаи ширкати оддӣ ва шартномаҳои таъсиси шаклҳои ташкилию ҳуқуқии ташкилотҳои дигар таваҷҷуҳ намуда, ин масъалаҳоро пурратар таҳқиқ мекард.

Эроде, ки дар боло зикр шуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда,

505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
муовини Ректори Донишгоҳи Славянии Русияву
Тоҷикистон оид ба робитаи байналмилалӣ Нусратуллоев Б.Қ.

734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
кӯчаи. М.Турсунзода, 30
Телефон: (992) 37 221-35-50
Факс: (992) 37 221-35-50
Почтаи электронӣ: p.rektora@mail.ru

Имзои Б.Қ.. Нусратуллоевро тасдиқ мекунам
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Русияву Тоҷикистон Давлатов Х.Х.